# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Азизов Фируз Шарифович дар мавзуи «Ток-шоу ҳамчун жанри телевизионӣдар (мисоли барномаҳои Телевизиони Тоҷикистон ва Телевизиони Сафина)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Азизов Фируз Шарифович ба таҳлилу таҳқиқи яке аз жанрҳои нисбатан нави телевизионӣ бахшида шудааст. Аҳаммияти ин кори диссертатсионӣ, пеш аз ҳама, аз он иборат аст, ки таъсир ва мавқеъи ток-шоу ҳамчун жанри публитсистикаи телевизион дар раванди ташаккулу таҳаввули афкори ҷомеа муайян карда шудаанд. Нақши таъсиргузории ток-шоу дар дигаргун гардидани афкору ҷаҳонбинии аудитория нишон дода шуда, унсурҳои баёни воқеият, мушоҳидаву таҳқиқ, факту аснод ва хулосаву муҳокима ҳамчун ҷузъиёти фарогирандаву созандаи жанри ток-шоу таъкид мегардад. Мавзуи интихобшуда аз ҷумлаи мавзуъҳоест, ки вобаста ба нақши худ дар телевизион пурра омӯхта нашуда, вобаста ба ин мавзуъ таҳқиқоти мукаммали илмӣ анҷом дода нашудааст. Дар ҳақиқат нақши жанри ток-шоу дар таърихи телевизионҳои ватанӣ ҳамчун воситаи натиҷабахши барқарор намудани робитаи байни одамон ва таҳрик бахшидан дар пешрафти ҳаёти маънавию фарҳангии ҷомеа нишонрасу амиқ аст. Мавқеи муаллиф ва қаҳрамонон дар жанри ток-шоу бозгӯкунандаи моҳияти ҳаёт гардида, вазифаҳои таҳлиливу ташреҳиро низ ин жанр ба душ гирифта истодааст. Дар шароити имрӯза, ки нақши фароғативу андармонсозии телевизион бештар эътироф мегардад, жанри ток-шоу бо хусусияти ахбориву таҳлиливу бадеии худ дар роҳи таъсир ба афкори ҷомеа торафт имкони бештарро пайдо карда истодааст. Аз ин ҷиҳат, омӯзишу таҳқиқи хосияту талаботи ин жанр дар равандҳои рақобати афкор арзишнок ва судманд дониста мешавад.

Навгонии илмии диссертатсия дар он зоҳир меёбад, ки бори аввал ба таври васеъ ҷараёни таърихии инкишоф ва хусусиятҳои жанри ток-шоу таҳқиқ карда шудааст. Нақши даъватсозиву муътақидсозии ток-шоуҳо таҳқиқи

омилҳои таърихии инкишофи жанри мазкур дар самти пажӯҳишҳои таърихиву жанрии телевизиони тоҷик иқдоми аввалин мебошад. Хусусиятҳои фарқкунандаи ток-шоу дар миёни шабакаҳои телевизионии ватанӣ ва Русия бори аввал омӯхта мешавад. Мавқеи журналист дар ток-шоу ҳамчун як шахсияти идоракунандаи барнома ва ошкоркунандаи муҳимтарин мушкилоти ҷомеа, интихоби мавзуъ, аудитория, даъвати қаҳрамон чун бахшҳои созандаи барнома дар шакли нави барномасозӣ маълум карда шудаанд. Ҳамчунин муайян намудани фарқи ток-шоу аз шоу ва дигар жанрҳои телевизионӣ низ яке аз паҳлуҳои навгонии кори дисертатсионӣ мебошад.

Диссертатсия арзиши баланди пажӯҳишӣ дошта, мазмун ва муҳтавои он ҷанбаҳои назариву амалии журналистикаи телевизиони тоҷикро ғанӣ мегардонад. Аз натиҷаҳои илмии ҳосилшуда муҳаққиқони журналистикаву публитсистика, рӯзноманигорон, кормандони ВАО, журналистони таҳлилгар, донишҷӯёни шуъбаю факултетҳои журналистика истифода карда метавонанд.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 10.01.10– Рӯзноманигорӣ мувофиқат дорад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 3 мақола, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи унвонҷӯ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар диссертатсияи Азизов Фируз Шарифович истифодаи мавод бидуни

ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъин шудааст. Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Азизов Фируз Шарифович дар мавзуи «Ток-шоу ҳамчун жанри телевизионӣ (дар мисоли барномаҳои Телевизиони Тоҷикистон ва Телевизиони Сафина)» кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10–Рӯзноманигорӣ ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Азизов Фируз Шарифович дар мавзуи «Ток-шоу ҳамчун жанри телевизионӣ (дар мисоли барномаҳои Телевизиони Тоҷикистон ва Телевизиони Сафина)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Муъминҷонов Зулфиддин**–доктори илми филология, дотсенти факултети телевизион, режессура ва кинои Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода»;

- **Исмоилзода Зиннатулло** – номзади илми филология, раиси Иттифоқи журналистони Тоҷикистон.

3.Ба сифати муассисаи пешбар **Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатииХуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»**пешниҳод мешавад.

4.Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5.Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Имомзода М.С.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Абдуллозода М.А.

Доктори илми филология, профессор,
мудири кафедраи забони тоҷикии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Хоҷазод С.А

«18» сентябри соли 2022.